«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
_________ Сафарзода М.В.
аз «____» ______________ соли 2025

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Файзуллоев Фарҳод Раҷабович дар мавзуи «Ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути технологияҳои итилоотию коммуникатсионӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика))**

1. *Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.* Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсияи Файзуллоев Фарҳод Раҷабович ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели 2017, №1/4 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд:

*Банди 1*: асосҳои методӣ ва мавриди танзимкунандаи соҳаи таҳсилоти касбӣ; қонуниятҳо, усули (принсипҳои) таҳсилоти касбӣ; асосноккунӣ ва татбиқи консепсияҳо ва низомҳои омодасозии касбии мутахассисон;

*Банди 2:* назария ва методикаи равандҳои таҳсилот дар соҳаи омодасозии касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси мутахассисон;

*Банди 3:* такмили сохтори омодагии касбӣ ва бозомӯзии кадрҳо дар шароити таҳсилоти олӣ ва миёна;

*Банди 4:*муҳтавои таҳсилоти касбӣ, таҳияи стандартҳои таҳсилотӣ ва маҷмуаҳои таълимию методӣ;

*Банди 5:* инкишоф додани методҳо, воситаҳо, методикаҳо ва технологияҳои омодагии касбии мутахассисон;

*Банди 6:* амсилаҳои инноватсионии омодагии касбии мутахассисон мутобиқи самтҳои стратегии навсозии таҳсилоти олӣ;

*Банди 8:* методология, назария ва технологияи лоиҳасозии системаи омодагии касбӣ ва бозомӯзии кадрҳо.

*Банди 9:* муттасилии ҳадафҳо, муҳтаво, шаклҳо, методҳо дар системаи таҳсилоти касбӣ.

Таҳқиқоти Файзуллоев Ф.Р. ба ҳамаи самтҳои болозикр мувофиқат намуда, масъалаи ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгориояндаи информатикаро дар асоси истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва бо дарназардошти хусусиятҳои низоми кредитии таҳсилот мавриди таҳқиқи назариявию таҷрибавӣ қарор додааст.

2. *Мубрамии мавзуи таҳқиқ.* Мавзӯи таҳқиқоти илмии Файзуллоев Фарҳод Раҷабович бо талаботи имрӯзаи рушди низоми таҳсилоти олии касбӣ, хусусан дар шароити гузариш ба низоми кредитии таҳсилот ва ҷорӣ гардидани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, мутобиқат дорад. Дар шароити имрӯзаи рақамисозии соҳаи маориф масъалаи баланд бардоштани сатҳи салоҳиятнокии методии омӯзгорони оянда, бахусус омӯзгорони соҳаи информатика, яке аз самтҳои муҳими тадқиқоти педагогӣ ба ҳисоб рафта, мутахассисони дорои салоҳиятҳои касбӣ, методӣ ва рақамиро барои бозори меҳнат тайёр намояд.

Дар чунин шароит, омӯзгори информатика на танҳо интиқолдиҳандаи дониш, балки ташкилкунанда ва роҳбари раванди таълим дар муҳити иттилоотии рақамӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ташаккули салоҳиятнокии методии ӯ яке аз самтҳои калидии сиёсати давлатии соҳаи маориф ба ҳисоб меравад.

Дар шароити низоми кредитии таҳсилот, мазмун ва усулҳои тайёр намудани омӯзгорон тағйир ёфта, талаботи нав ба сатҳи салоҳиятҳои касбӣ ва методии онҳо пеш меояд. Ин тағйирот зарурати таҳияи низоми илмӣ-асосноки ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгориояндаи информатика

тавассути истифодаи имкониятҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва муҳити рақамиро ба миён меорад.

3. *Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.* Гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсияи Файзуллоев Фарҳод Раҷабович баён шудаанд, дорои дараҷаи баланди асосноккунии назариявӣ ва таҷрибавӣ мебошанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси дастовардҳои педагогика, психология, методика, аз ҷумла, маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии ҳал, ки ба мақсад, масъалаҳо ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд; санҷиши таҷрибавии гипотезаҳо; истифодаи барномаи махсуси компютерӣ барои коркарди маълумотҳои омории таҷрибавӣ; таҳлили миқдорӣ ва сифатии маълумотҳои бадастовардашуда, таъмин карда мешавад.

Гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсияи Файзуллоев Фарҳод Раҷабович баён шудаанд, дорои дараҷаи баланди асосноккунии назариявӣ ва таҷрибавӣ мебошанд. Пешниҳодҳои муаллиф дорои хусусияти амалии баланд буда, барои такмил додани равандҳои таълим ва ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгорони ояндаи информатика истифода бурда мешаванд.

Дараҷаи умумии асосноккунии назариявӣ ва таҷрибавии натиҷаҳо имкон медиҳад, ки хулосаҳои диссертатсия бо итминон ҳамчун дастоварди мустақили илмӣ ва амалии муаллиф қабул гарданд

4. *Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳҷии натиҷаҳои гирифташуда.* Навгонии илмии таҳқиқоти Файзуллоев Фарҳод Раҷабович дар он ифода меёбад, ки муаллиф тамоюлҳои илмӣ ва мушкилоти ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) дар шароити низоми кредитии таҳсилотро таҳлил намуда, мафҳумҳои асосии педагогӣ, психологӣ ва методие, ки барои тавсифи салоҳиятнокии таълимии хатмкунанда заруранд, муайян ва дақиқ кардааст. Дар раванди таҳқиқ моҳият, сохтор ва мазмуни салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи фанни информатика дар

асоси истифодаи ТИК муайян гардида, низоми назариявию амалии ташаккули он таҳлил ва асоснок карда шудааст.

Дар натиҷаи тадқиқот модели илмии ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгориояндаи информатика тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот таҳия ва пешниҳод гардид. Муаллиф роҳҳои самараноки амалисозии ин моделро дар амалияи таълими фанни информатика коркард намуда, омилҳо ва андешаҳои пешбарандаи таъсиргузор ба раванди ташаккули салоҳиятнокии методиро ошкор намудааст.

Ҷанбаҳои муҳими навоварии таҳқиқот дар муайян намудани нақши кораҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор (КМРО) зоҳир мегардад, ки ин фаъолиятҳо ҳамчун воситаи пешбарандаи ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгорони оянда тавассути ТИК арзёбӣ шудаанд. Ҳамзамон, муаллиф сатҳ, меъёр ва нишондиҳандаҳои ташаккули салоҳиятҳои методии омӯзгориояндаи информатика бо истифода аз ТИК-ро барои муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ муайян ва пешниҳод намудааст.

Дар раванди озмоиши педагогӣ методикаи пешниҳодшуда такмил дода шуда, натиҷаҳои он амалан санҷида ва самаранокии он исбот гардидааст. Дар асоси таҳқиқ маслиҳатҳои методӣ ва тавсияҳои амалӣ барои истифодаи натиҷаҳои тадқиқот дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти олӣ таҳия шудаанд.- моҳият, сохтор ва мазмуни салоҳиятнокии методии омӯзгориояндаи фанни информатика дар асоси истифодаи ТИК дар шароити низоми кредитии таҳсилот муайян ва таҳлил карда шудааст.

*5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.* Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти Файзуллоев Фарҳод Раҷабович дорои аҳамияти назаррас буда, ҳам дар сатҳи назариявӣ ва ҳам дар сатҳи амалии рушди соҳаи педагогикаи касбӣ ва методикаи таълими информатика ҷойгоҳи арзанда доранд.

*Аз ҷиҳати илмӣ,* таҳқиқот ба рушди назария ва методикаи таълими информатика мусоидат намуда, модели илмии ташаккули салоҳиятнокии

методии омӯзгори ояндаро дар асоси технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ асоснок кардааст.

*Аз ҷиҳати амалӣ,* натиҷаҳо барои таҳияи барномаҳои таълимӣ, курсҳои методӣ, муҳитҳои рақамии таълимӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорони информатика татбиқшаванда мебошанд.

*Аз ҷиҳати иқтисодӣ,* истифодаи муҳитҳои электронии таълимӣ ва технологияҳои рақамӣ ба сарфаи захираҳои вақтӣ ва моддӣ мусоидат намуда, самаранокии фаъолияти таълимиро меафзояд.

*Аз ҷиҳати иҷтимоӣ,* тадқиқот ба баланд бардоштани мақоми омӯзгор, рушди салоҳиятҳои рақамии омӯзгорони ҷавон ва тайёр намудани мутахассисони рақобатпазир дар бозори дохилӣ ва берунии меҳнат мусоидат мекунад.

6. *Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.* Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия дар асоси дастовардҳои педагогика, психология, методика, аз ҷумла, маҷмуи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии ҳал, ки ба мақсад, масъалаҳо ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд; санҷиши таҷрибавии гипотезаҳо; истифодаи барномаи махсуси компютерӣ барои коркарди маълумотҳои омории таҷрибавӣ; таҳлили миқдорӣ ва сифатии маълумотҳои бадастовардашуда таъмин карда мешавад.

7. *Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.* Саҳми шахсии муаллиф дар муайян ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани маҷмуи воситаҳои методӣ ва роҳҳои ташаккули салоҳияти касбӣ-методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути ТИК дар шароити низоми кредитии таҳсилот; дар тарҳрезӣ, асосноккунии назариявӣ ва санҷиши таҷрибавии модел ва консепсияи ташаккули салоҳияти касбӣ-методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути ТИК дар шароити низоми кредитии таҳсилот, ки маҷмуи усулҳо ва воситаҳои ҷорӣ намудани натиҷаҳои таҳқиқот дар амалияи педагогии мактабҳои олӣ; дар таҳлил ва муҳокимаи дурнамои таҳқиқот.

8. *Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷалаҳои тақризшавандаи илмӣ.* Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 18 нашрияҳои батабърасондаи муаллиф, аз он ҷумла, 2 дастури таълимӣ-методӣ, мақолаҳои

илмӣ, ки 9 номгӯй аз онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардиданд, ҳамчунин 7 мақола дар маҷмуаи маводи конференсияҳо инъикоси худро ёфтаанд.

9. *Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.* Диссертатсияи Файзуллоев Фарҳод Раҷабович бо мавзӯи «Ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгориояндаи информатика тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот» дорои мазмуни илмии амиқ ва систематикӣ мебошад. Муаллиф масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ, аз ҷумла таҳлили адабиёти илмӣ, мушкилот ва тамоюлҳои рушди салоҳиятнокии методии омӯзгори оянда, моделсозӣ ва роҳҳои татбиқи амалӣ, ба таври равшан ва асоснок матраҳ намудааст.

Диссертатсия пурра ва ба итмом расида, ҳамаи қисмҳои зарурии илмӣ – муқаддима, таҳлилҳои назариявӣ, натиҷаҳои таҷрибавӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳо, рӯйхатҳои адабиёт ва замимаҳоро дар бар мегирад.

*Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.* Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии таҳқиқот», ду боб, бахши «Хулосаҳо» бо тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, «Рӯйхати адабиёт» бо зербахшҳои «Рӯйхати адабиёти истифодашуда» ва «Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия» ва бахши «Замимаҳо» иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 191 саҳифа ва мазмуни диссертатсия аз 162 саҳифаи чопи компютерӣ иборат буда, 2 расм, 9 диаграмма ва 9 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Дар ҳар ду боби диссертатсия рақамгузории расму диаграмма ва ҷадвалҳо умумӣ мебошад. Рӯйхати адабиёт аз 168 номгӯй иборат аст, аз ҷумла «Рӯйхати адабиёти истифодашуда» 150 номгӯйро дар бар мегирад. Дар охири диссертатсия бахши замимаҳо оварда шудааст, ки дар он барномаи семинар-тренинг, анкета – пурсишнома ва санадҳо оид ба татбиқи натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар раванди таҳсилот ҷой дода шудаанд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсия аз нуқтаи назари мазмунӣ, сохторӣ ва методӣ пурра ва бо сифати баланд ба анҷом расидааст ва барои арзёбии илмӣ ва истифодаи амалӣ ба таври кофӣ асоснок мебошад.

Дар муқаддима аахаммияти мавзуи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он арзёбӣ гардида, объекту мавзуи таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назариявию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ муайян карда шуданд.

Боби якум диссертатсия, ба «Моҳият, ҷузъҳо ва тавсифи салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика дар шароити низоми кредитии таҳсилот» бахшида шудааст. Боби мазкур аз чор зербоб иборат мебошад. **Зербоби якум** «Тамоюли методологии таълим ҳамчун омодасозии омӯзгори ояндаи информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» номгузорӣ шудааст. Вазъияти ҳозираи соҳаи маорифи кишвари мо зарурати аз нав дида баромадани муносибатҳои асосии методиро ба амалияи қабул ва татбиқи қарорҳои ба таълиму тарбияи ҷавонон вобастаро дар шароити тағйирёбандаи бозаргонӣ муайян менамояд. Муаллиф қайд менамояд, ки имрӯз таҳсилоти касбӣ ба омӯзгорони салоҳиятдоре, ки дар шароити нави рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ фаъолияти босамар доранд, бештар талабот пайдо менамоянд.

Бо дарназардошти ин, муносибати босалоҳият дар таълим ҳамчун яке аз самтҳои калидии ислоҳоти низоми муосири таълим арзёбӣ мегардад ва бояд ҳамчун муносибати муассир ҷиҳати рушди таҳсилоти олии касбии миллӣ эътироф карда шавад. Ташаккули чунин салоҳиятҳо бештар на мундариҷаи нави фаннӣ, балки технологияҳои дигари педагогиро тақозо менамояд. Баъзе муаллифон ин талаботро ҳамчун малакаҳои асосӣ, бархе ҳамчун салоҳиятҳои изофии касбӣ ё тахассусӣ ва дигарон ҳамчун салоҳиятҳои калидӣ ё муҳим (асосӣ) арзёбӣ намудаанд.

Салоҳиятнокии омӯзгор бошад, низоми вижаи сифатҳои шахсӣ ва касбӣ, донишу маҳоратҳоро дар бар мегирад, ки бо муносибати инсондӯстона ва арзишманд нисбат ба дигарон, равиши эҷодкорона ба фаъолияти меҳнатӣ ва талош барои такмили пайвастаи шахсият ва касбият муттаҳид мешаванд. Ин омилҳо заминаи мусоид барои ташаккули салоҳиятҳои муҳими касбиро фароҳам меоранд.

**Зербоби дуюми** боби якум ба «Ғояи пешбар ва омилҳои асосӣ, ки ба ташаккули салоҳияти методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути

технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот таъсирбахшанд», бахшида шудааст.

Аз нуктаи назари муаллиф,муносибаи босалоҳият дар таълим муносибати анъанавии академиро рад намекунад, балки баръакс, онро амиқтар, фарохтар ва мукаммалтар мегардонад. Муносибати босалоҳият дар таълим ба талаботи иқтисоди бозорӣ бештар мутобиқ аст, зеро бар замми донишҳои касбӣ, ки ҳамчун азхудсозии технологияҳои касбӣ фаҳмида мешаванд, инчунин ташаккули қобилиятҳои универсалӣ, омодагии амалии донишҷӯён ва рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнати муосири дохилӣ ва хориҷиро дар назар дорад.

Дар доираи таҳқиқоти анҷомдода, яке аз омилҳои муҳимми таъсиргузор ба ташаккули салоҳияти методии омӯзгори ояндаи информатика дар заминаи истифодаи ТИК дар шароити низоми кредитии таҳсилот, омилҳои мутобиқати касбӣ арзёбӣ мегарданд, инҳоянд:

- сатҳи баланди мутобиқшавии иҷтимоӣ (касбӣ);
- устувории асабӣ-равонӣ (эмотсионалии) шахсияти омӯзгори ояндаи информатика;
- дараҷаи баланди инкишофи зеҳнӣ, фаъолияти маърифатӣ;
- салоҳияти коммуникатсионӣ;
- қобилияти ташкилотчигӣ.

**Зербоби сеюми боби якум** ба «Имконияҳои ташаккули салолиятҳои методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ», бахшида шудааст. Ташаккули салоҳияти методии омӯзгори ояндаи фанни информатика тавассути ТИК ҳамчун раванди гуногунсамт ва мураккаб дарк карда мешавад, ки аз ҷониби муҳити таълимӣ ташаккул ёфта, бо иштироки фаъолонаи омӯзгори оянда дар раванди фаъолияти мустақилона амалӣ мегардад. Ин раванд ба ташаккули малакаҳои ҳавасмандсозӣ ва ташвиқи донишҷӯён, муносибати арзишманди шахс ба фаъолияти методӣ, азбар намудани меъёрҳои муосири омодагии методӣ, рушди салоҳияти методӣ ва таҳкими хусусиятҳои шахсии омӯзгори оянда равона шудааст.

Яке аз имкониятҳои афзалиятноки педагогӣ, ки ба андешаи унвонҷӯ, ба ташаккули самараноки салоҳияти методии омӯзгорони ояндаи технологияи иттилоотӣ тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникативӣ мусоидат мекунад, тарҳрезии мундариҷаи фанҳои бахши таълими касбӣ мебошад.

Имконияти дигари афзалиятноки ташаккули салоҳияти методии омӯзгори ояндаи технологияи иттилоотӣ тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникативӣ истифодаи технологияҳои инноватсионӣ мебошад.

Дар шароити муосири таҳсилот, технологияҳои инноватсионии педагогӣ ҳамчун як шакли махсуси ташкили фаъолияти омӯзгорӣ ва тафаккур арзёбӣ мегарданд, ки ба татбиқи навоварӣ дар муҳити таълимӣ равона шудаанд. Онҳо ҳамчунин метавонанд ҳамчун раванди азхудсозӣ, истифода ва паҳнсозии унсурҳои нави таълим фаҳмида шаванд.

Дар натиҷа, омили муайянкунандаи омодагии омӯзгори ояндаи технологияи иттилоотӣ ба фаъолияти инноватсионӣ хусусиятҳои ин фаъолият ва имконияти раванди он мебошад.

**Зербоби чоруми боби якум** ба «Модели ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути технологияҳои иттлоотию коммуникатсионӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот» бахшида шудааст.

Моделсозӣ ҳамчун як усули муҳимми таҳқиқотӣ имкон медиҳад, ки хосиятҳо ва ҷанбаҳои сохтории ашё, раванд ё падида тавассути истифодаи модели алоқаманд бо объекти таҳқиқотӣ мушаххас ва омӯхта шаванд.

Муаллиф дар зербоби мазкур модели ташаккули салоҳиятҳои методии омӯзгорони ояндаи информатикаро тавассути технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ таҳия намуда, роҳҳои самаранокии амалисозии онро дар шароити низоми кредитии таҳсилот коркард намудааст.

**Боби дуюми диссертатсия** ба «Асосҳои методикаи ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот» бахшида шудааст. Боби мазкур аз се зербоб иборат аст. Қайд

кардан бамаврид аст, ки дар ҳақиқат маҳорати омӯзгори ояндаи технологияи иттилоотӣ зимни истифодаи ТИК барои ҳалли масъалаҳои касбӣ яке аз воситаи ташаккули салоҳияти методии омӯзгори оянда мегардад.

**Зербоби якуми боби дуюм** ба «Ташхиси сатҳ, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои ташаккулёбии салоҳиятҳои касбӣ-методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» бахшида шудааст.

Истифодаи ТИК дар раванди ташаккули салоҳияти методии омӯзгори ояндаи технологияи иттилоотӣ ба принсипҳои зерини умумии дидактикӣ бунёдшуда мувофиқан асос меёбад: *мувофиқати системаи дидактикӣ ба қонуниятҳои таҳсилот, мақоми пешбарандаи донишҳои назариявӣ, ягонагии мақсадҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва рушди таҳсилот, ҳавасмандкунӣ, проблемавӣ, муттаҳидсозии фаъолияти коллективии таълимӣ зимни муносибатҳои инфиродӣ ба таълим, мултимедиявӣ, фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи омӯзгори ояндаи технологияи иттилоотӣ.*

**Зербоби дуюми боби дуюм** ба «Имкониятҳои истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар ташаккули салоҳияти методии омӯзгори ояндаи информатика дар шароити низоми кредитии таҳсилот» бахшида шудааст. Тағйироти сохторӣ ва мазмунӣ дар низоми таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан гузариш ба низоми кредитии таҳсилот, зарурати бознигарии мазмун ва усулҳои омодасозии кадрҳои омӯзгориро тақозо менамояд. Дар шароити мазкур истифодаи самараноки ТИК барои ташаккул ва рушди салоҳиятҳои методии омӯзгори ояндаи фанни информатика аҳамияти аввалиндараҷа пайдо мекунад. Дар радифи рушди технологияи иттилоотӣ ворид намудани усулҳои таълим дар асоси истифодаи ТИК дар системаи таҳсилоти касбӣ ногузир мегардад.

**Зербоби сеюми боби дуюм** ба «Санҷиши таҷрибавии самаранокии модели ташаккули салоҳияти методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» бахшида шудааст. Методи таҷрибаи педагогӣ аз мушоҳидаи мақсадноки зуҳуроти сифатҳои

муайян иборат буда, тибқи нақшаи таҳқиқоти гузаронидашуда бо назардошти шароит дар он субъект ва амалҳо каме ё ба таври назаррас тағйир меёбанд.

Тибқи барномаи таҳқиқотии унвонҷӯ ҳадафи озмоиши педагогӣ ба таври таҷрибавӣ санҷидани модели ташаккули салоҳияти методии омӯзгори ояндаи технологияҳои иттилоотӣ бо истифода аз ТИК ва асоснокии илмии шартҳои педагогӣ иборат буда, он самаранокии раванди таълимро таъмин намуд

Натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳое, ки муаллиф дар диссертатсия пешниҳод шудаанд, аз комилан ба даст омадани ҳадафи асосӣ, ҳалли масъалаҳои гузошташуда, тасдиқи гипотеза, инчунин аз аҳамияти натиҷаҳои илмии бадастомада ва навоварии онҳо аз нуқтаи назари назариявӣ ва амалӣ шаҳодат медиҳанд.

10. *Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.* Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ” (Фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024 таҳти № 493) мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад. Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, дар сатҳи зарурӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

*11. Мутобиқати тахассусиилмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.* Тахассуси илмии довталаб Файзуллоев Фарҳод Раҷабович ба ихтисоси илмии дархостшаванда 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика)) мувофиқат мекунад.

Таҳқиқи диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад.

*12. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.* Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодоти ҳавасмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъи доранд, холӣ нест ва

камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонад. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегардад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1) Беҳтар мебуд, агар барои модели таҳияшудаи “Ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути ТИК дар шароити низоми кредитии таҳсилот” барномаи компютерӣ сохта мешуд.

2) Агар дар диссертатсия зербоби алоҳида таҳти унвони “Низоми кредитии таҳсилот ҳамчун муҳити ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика” тартиб дода мешуд, аз манфиат холӣ набуд.

3) Озмоиши педагогӣ танҳо дар ду МТОК: Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав гузаронида шудааст. Беҳтар мебуд, ки озмоиши педагогӣ дар ду муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ низ гузаронида мешуд. Дар ин ҳолат қимати кор боз ҳам афзун мегашт.

4) Дар диссертатсия баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешавад, киислоҳшаванда буда, ба арзиши таҳқиқоти анҷомёфта таъсир намерасонад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқаррааргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назариявии илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

*13. Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.* Хулоса, диссертатсияи Файзуллоев Фарҳод Раҷабович дар мавзуи «Ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути технологияҳои итилоотию коммуникатсионӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика)) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ва талаботи мавҷуда мутобиқат мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика)) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими информатикаи факултети физика, математика ва информатикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи методикаи таълими информатика муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №3 аз 25 октябри соли 2025).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 15 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 15 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
Декани факултет, номзади
илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент — Самариддинова З.Н.

**Экперт:**
Номзади илмҳои педагогӣ,
и.в. дотсенти кафедраи
методикаи таълими информатика — Муродализода Р.М.

**Котиби илмии ҷаласа:**
Номзади илмҳои педагогӣ, — Парвинаи Усмон

Имзоҳои Самариддинова З.Н., Муродализода Р.М. ва Парвинаи Усмон-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Давлатов М.А.

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Кӯлоб,
кучаи С. Сафаров 16.
Тел: +992 (3322) 2-35-06
E-mail: info@kgu.tj, сомонаи расмӣ: www.kgu.tj
« 29 » 10 соли 2025